## Раёсати котибот

Раёсати ҷузъи сохтории Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд Вазорат) буда, ваколатҳои зеринро дар бахши фаъолиятҳои муқарраргардида амалӣ менамояд:

-таъмини ташкилӣ ва иттилоотию таҳлилии фаъолияти Вазир;

-таъмини ҳамкории Вазир бо ҷузъҳои сохтории дастгоҳи Президент, Маҷлиси Олӣ, вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, мақомоти дигари идоракунӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ҷузъҳои сохтории Вазорат ва муассисаҳои тобеи он;

– омода намудани ҷаласаҳои ҳайати мушовара, маҷлисҳо ва дигар чорабиниҳое, ки Вазир мегузаронад;

– ҳамоҳангсозӣ ва назорати иҷрои супоришҳои Вазир;

- вақт, макон, миқдори иштирокчиёни қабули ҳайатҳои расмӣ, шахсони алоҳидаи ҳуқуқӣ ва воқеиро ҷиҳати вохӯрӣ бо Вазир мувофиқа намудан;

- ташкили баргузории мулоқотҳои расмии Вазир ва муовинони вайро бо намояндагони ҳайатҳои хориҷӣ;

- бақайдгирии тамоми ҳуҷҷатҳои ворид ва содиршаванда;

– ташкил ва пешбурди коргузории Вазорат;

– таъмини робитаи Вазир бо воситаҳои ахбори омма;

– пешбурди фаъолияти сомонаи Вазорат;

- оид ба фаъолияти Вазорат саривақт маълумотро омода ва ба навор гирифта, онро ба барномаҳои телевизион, сомонаи Вазорат ва дигар шабакаҳои иттилоотӣ пешниҳод намудан.